# 1184 - Ҳукми тарошидани мӯи сари зан

**савол**

Ҳукми тарошидани мӯи сари зан чист?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Барои зан ҷоиз нест, ки мӯи сарашро тарошад, магар дар ҳолатҳои зарурӣ, зеро Тирмизӣ ва Насоӣ аз Алӣ (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардаанд, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) занро аз тарошидани мӯи сараш наҳӣ кард.

Ҳамчунин Халлол бо санади худ аз Қатода аз Икрима ривоят кардааст, ки паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) занро аз тарошидани мӯи сараш наҳӣ кард.

Ҳасан гуфтааст: "Ин (яъне тарошидани мӯи сари зан) мусла ҳисобида мешавад".

Асрам гуфтааст: Шунидам, ки аз Абуабдуллоҳ дар бораи зане пурсиданд, ки аз нигоҳубини мӯяш ва аз табобати он оҷиз аст, оё мувофиқи ҳадиси Маймуна, мӯяшро бигирад? Гуфт: Ба хотири чӣ онро мегирад? Ба ӯ гуфтанд: Наметавонад ба мӯяш равған бимолад ва онро ба тартиб дарорад ва ҳашарот дар он ҷо паҳн мешавад. Гуфт: Агар ба хотири зарурат бошад, умедворам, ки дар ин кор ҳеҷ боке нест.

Аллоҳ донотар аст.